# ХУЛОСАИ

**Комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 073 - и назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ба диссертатсияи Холов Шералӣ Ибодуллоевич дар мавзуи “Саҳми донишгоҳҳои равияи техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тайёр намудани кадрҳо (солҳои 1991 – 2016) ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ)**

Коммисияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои таърих (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) Набизода Ваҳҳоб Машраб, доктори илмҳои таърих (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) Усмонзода Аюб Ислом, доктори илмҳои таърих (07.02.00 – Таърихи ватанӣ) Абдурашитов Фозил Маматович ба таҳқиқоти диссертатсионии Холов Шералӣ Ибодуллоевич шинос шуда, хулосаи зеринро пешниҳод мекунад.

Диссертатсияи Холов Шералӣ Ибодуллоевич “Саҳми донишгоҳҳои равияи техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тайёр намудани кадрҳо (солҳои 1991 – 2016)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 020301 – Таърихи ватанӣ пешниҳод шуда, таҳқиқоти мустақилона ва комил буда, ба талаботи тайиншуда нисбат ба рисолаҳои дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 020300 – Таърих (6D 020301 –Таърихи ватанӣ) мувофиқ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Холов Шералӣ Ибодуллоевич ба яке аз масъалаи муҳимтарини таърихи ватанӣ – нақши донишгоҳҳои равияи техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тайёр намудани кадрҳо бахшида шуда, дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки омӯзиши амиқи таҷрибаи таърихии донишгоҳу донишкадаҳои самту равияи техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми омодасозии кадрҳои муҳандисӣ – техникӣ дар шароити дигаргунсозиҳои рӯзафзуни талаботи бозори меҳнат дар дохили кишвар, минтақа ва ҷаҳон барои беҳбудии сифати таҳсилот, рушди истеҳсолоти дохилӣ ва афзоиши рақобатпазирии бахшҳои гуногунии иқтисодӣ мамлакат масъалаи муҳими таҳқиқшуда арзёбӣ мешавад.

Бо пешрафти илму техника талабот ба ихтисосҳои техникӣ бештар гардида, теъдоди донишгоҳу донишкадаҳо ва ихтисосҳои техникӣ дар тамоми кишварҳо рӯ ба афзоиш дорад. Зеро ҳар як давлат саъю кӯшиш меварзад, ки барои таъмини амнияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва низомии худ аксаран мутахассисиони заруриро дар дохили қаламравии худ омода созад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки таърихи таҷрибаи донишгоҳу донишкадаҳои ихтисосҳои самту равияи техникӣ ва вазъи омадасозии мутахассисони соҳаи муҳандисӣ - техникӣ дар 25 соли Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мушаххас омӯхта шавад. Барои ноил шудан ба ин мақсад диссертант иҷрои вазифаҳои зеринро зарур мешуморад:

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар доираи як диссертатсия таҷрибаи таърихии донишгоҳу донишкадаҳои техникӣ ва раванди омодасозии кадрҳои маҳаллӣ дар замони истқлол мавриди омӯзиши баррасӣ қарор ёфтааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Диссертатсия аҳаммияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дорад ва натиҷаҳои он метавонад дар анҷоми корҳои илмии муаррихон, мутахассисони соҳаи маориф ва донишгоҳу донишкадаҳои равияи техникии кишвар ҷиҳати муайян намудани дурнамои омодасозии мутахассисон ёрӣ расонад. Натиҷаи таҳқиқотро метавон барои таҳияи стандартҳо, нақшаву барномаҳои давлатӣ дар самти омодасозии кадрҳои техникӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ, курсҳои махсус ва маводи иловагии омӯзиш дар макотиби олии ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор дод. Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия барои таҳқиқи бисёр масъалаҳои мубрами таърихи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлол ва низоми омодасозии мутахассисон муфид мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар таҳия ва асосноккунии номи мавзуъ, таҳия ва татбиқи нақшаи кор, ҷамъоварӣ ва коркарди маводи соҳавӣ, таҳлили адабиёти мавҷуда, таҳлили омодасозии кадрҳои маҳаллӣ ва иқтидории моддӣ - техникиву зеҳнии донишгоҳу донишкадаҳои техникии Тоҷикистон зоҳир мешавад.

**Натиҷаи муҳими диссертатсия** дар он аст, ки бори нахуст масъалаи саҳми донишгоҳҳои равияи техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тайёр намудани кадрҳо дар давраи зикршуда дар асоси факту далелҳо пурра

ва дақиқ таҳлил гардида, дар сурати ҳамин таҳқиқот шакли мукаммалу мушаххасро пайдо кардааст. Диссертатсияи Холов Шералӣ Ибодуллоевич сохтори муназзам, пайдарҳам ва мантиқӣ дошта, бо навгониҳо ва хулосаҳои илмӣ мувофиқат мекунад. Диссертатсия кори мустақилона анҷомдодаи муаллиф ҳисобида мешавад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад.

Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқотии диссертатсионӣ дар 4 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд.

Диссертатсияи докторӣ (PhD)-и Холов Шералӣ Ибодуллоевич дар мавзуи “Саҳми донишгоҳҳои равияи техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тайёр намудани кадрҳо (солҳои 1991 – 2016) ” аз рӯи натиҷаҳои ба даст омада, истифодаи амалӣ ва сифати вероиш ба талаботи муқаррарнамудаи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои докторӣ (PhD) мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 –Таърихи ватанӣ) сазовор аст.

Комиссияи ташхис чунин хулоса мекунад, ки диссертатсияи докторӣ (PhD)-и Холов Шералӣ Ибодуллоевич дар мавзуи “Саҳми донишгоҳҳои равияи техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тайёр намудани кадрҳо (солҳои 1991 – 2016)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 –Таърихи ватанӣ) комилан мувофиқ аст.

Комиссияи ташхис вобаста ба масъалаҳои зикршуда чунин **қарор мекунад:**

1. Диссертатсияи Холов Шералӣ Ибодуллоевич “Саҳми донишгоҳҳои равияҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тайёр намудани кадрҳо (солҳои 1991 – 2016)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 –Таърихи ватанӣ) тавсия дода шавад.
2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод мешаванд:

- **Абдуллоев Маҳмуд Холович**, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ;

- **Раҳимова Шаҳноза Каримовна**, номзади илмҳои таърих, Сардори раёсати илм, инноватсия ва робитаи байналмилалии Донишкадаи кӯҳию металургии Тоҷикистон.

3. **Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ** ба ҳайси муассисаи пешбар таъйин карда шавад.
4. Ба нашри автореферати диссертатсия ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.
5. Барои ҷойгир кардани эълони диссертатсия дар сомонаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои таърих** **Набизода Ваҳҳоб Машраб**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои таърих** **Усмонзода Аюб Ислом**

**доктори илмҳои таърих** **Абдурашитов Фозил Маматович**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров** **Хусайнова Заррина Сайдуллоевна**